**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-14 назди**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**Бо суроғаи 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.**

# *ТАҚРИЗИ*

***Муқаррizи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов Зубайдулло ба диссертатсия ва автореферати Каримов Бахромҷон Исматуллоевич*** **дар мавзуи «*Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)*», ки барои *дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.***

1. **Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Каримов Бахромҷон Исматуллоевич дар мавзуи: «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», шиносномаи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз): 1.5. Ниҳодҳои молиявӣ: назария, методология, қоидаҳои рушд ва такмили идоракунӣ. 2.1. Рушди унсурҳои молияи давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ. 2.2. Танзими молиявии равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ. 2.3. Назария, методология ва методикаи банақшагирии молиявӣ дар сатҳи давлат ва маҳаллӣ. 2.8. Муносибкунонии раванди буҷетӣ: такмили системаи идоракунии даромадҳо ва хароҷоти системаи буҷетӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ, мувофиқат мекунад.

2. **Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ**

Таҳқиқоти иҷрошуда ба консепсия ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи сиёсати буҷетӣ, инчунин Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030 (СИМД), Тавзеҳот оид ба самтҳои асосии сиёсати буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2024-2025 иҷро гардидааст.

3. **Мутобиқати мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Маълум аст, ки рушди иқтисодию-ичтимоии вилоятҳо, минтақаҳо, маҳалҳо ва соҳаҳои иқтисодӣ, барномаҳои муҳими рушди ичтимоӣ ташкилоти муассисаҳои бахши давлатӣ ва дигар барномаҳои мақсадноки иқтисодӣ ва ичтимоӣ онҳо аз ҳачм ва саривақт маблағгузорӣ кардан вобаста мебошад, ки ин вазифаи асосии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимяти давлати мебошад.

Мақомотҳои давлатии дар маҳалҳо амалкунанда танҳо дар натичаи доштани воситаҳои кифояи молиявӣ метавонанд сиёсати ичтимоию – иқтисодии мамлакатро дар маҳалҳо амалӣ намояд, аҳолии маҳалро дастгирӣ намояд, рушди инфрасохтори ичтимоӣ ва иқтисодии минтақаҳоро маблағгузорӣ намояд. Аз ҳама муҳим ин аст, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо бо истифода аз маблағҳои молиявӣ дар ҳалли масъалаи бекорӣ, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ҳисагузор бошанд. Тавре, ки маълум аст бекорӣ ва камбизоатии аҳолӣ бештар дар маҳалҳо дида мешаванд. Муҳочирати меҳнатӣ, ки барои чои корӣ ёфтан ба дигар кишварҳо мераванд аксарияти аҳолии деҳот мебошанд. Масьалаи дигаре, ки ба маблағгузорӣ ва самаранокии фаьолияти мақомоти маҳаллии ҳокимяти давлатӣ мебошад, ин ҳамачониба дастгирӣ намудани рушди соҳибкорӣ, аз худкардан ва самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ, иқтисодӣ, зеҳнӣ ва меҳнатии маҳалҳо мебошад. Амалисозии вазифаҳои зикршуда ба такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимяти давлатии кишвар вобаста мебошад. Аз ин лиҳоз, кори диссертатсионии Каримов Баҳромчон Исматуллоевич саривақтист, мавзуи таҳқиқот мубрам мебошад.

**4. Эътимоднокӣ, дарачаи асоснокии нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ дар диссертатсия омодашуда.**

Дарачаи илмии таҳқиқот, мантиқан пешниҳод кардани маводҳо қобиляти кории илмии докторантро дар кушодани чанбаҳои назариявӣ, методию методологӣ, ки равандҳои такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимяти давлатиро таьмин менамояд, гувоҳӣ медиҳад. Кори диссертатсионии аз чониби Каримов Баҳромчон Исматуллоевич ичрошуда дорои базаи исботкунандаи натичаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, мазмун ва объекти таҳқиқот мебошад. Дар равиши ичроиши кори диссертатсионӣ докторант методология ва методҳои ҳозиразамонро истифода бурдааст. Нуқтаҳо ва натичаҳои таҳқиқот ва мазмуни кор мантиқан пайваст буда, бандҳои ба ҳимоя пешниҳоди шуда асоснок ва мазмуни диссертатсияро нишон медиҳанд. Дар кори диссертатсионии докторант нуқтаҳои консептуалӣ ва тавсияҳои амалӣ

оид ба такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод карда шудааст.

**5. Эътимоднокии дараҷаи пешниҳодҳо ва натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ҳамчун навгониҳои илмӣ баррассаӣ шудаанд аз бандҳои зерин иборат мебошад.

- назарияи асосии конепсияи идоракунии молияи давлатӣ низомбандӣ гардида, инчунин аз тарафи муаллиф таъриф оид ба идоракунии молияи давлатӣ ва принсипҳои заминавӣ пешниҳод гардид;

- муносибатҳои методӣ илман асоснок доир ба арзёбии механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ, аз ҷумла усули барномавӣ-мақсаднок дар идоракунии буҷети маҳаллӣ пешниҳод шуданд;

- таҳлили ҳолати муосири иҷтимоӣ-иқтисодии рушди вилояти Хатлон гузаронида шуд ва имконияти арзёбии нишондиҳандаҳои буҷети маҳаллӣ, нақши он дар низоми молиявии минтақавӣ ва механизмҳои идоракунии қисмати даромад ва хароҷоти онро дод;

- усули мониторинги раванди идоракунии буҷети маҳаллӣ бо пешниҳоди асоснок оид ба такмили механизмҳои идоракунии барномавии мақсаднок дар баланд бардоштани самаранокии даромад ва хароҷоти буҷети маҳаллӣ таҳия гардид;

- самтҳои асосии такмили механизмҳое, ки ба идоракунии буҷети маҳаллӣ мусоидат мекунанд, коркард ва пешниҳод гардидаанд.

**6. Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- муносибати муаллиф оид ба механизмҳо ва принсипҳои асосии идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод шудааст;

-услуби барномавӣ-мақсаднок дар самаранокии идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ муайян карда шуд;

-вазъи муосири иҷтимоӣ иқтисодии вилояти Хатлон ва амали механизмҳои идоракунии даромад ва хароҷоти буҷети маҳаллӣ таҳлил карда шуд;

-алгоритми мониторинги идоракунии буҷети маҳаллӣ ва услуби барномавӣ-мақсаднок дар таъмини самаранокии идоракунӣ муайян гардид;

- омоданамоии тавсияҳо дар такмили идоракунии механизмҳои буҷетҳои маҳаллӣ.

**7. Сохтор ва мазмуни қисмҳои асосии таҳқиқоти илмӣ**

Кори диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, руихати адабиёти истифодашуда иборат буда (164 номгӯй), 27 ҷадвал, 7 диаграмма ва 15

расм, аз 183 саҳифаи матни компютерӣ иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, мақсад ва вазифаҳо, объектӣ марҳила, асосҳои назариявӣ-методологӣ навгониҳои илмӣ ва ғайра баррасӣ шудаанд.

Дар боби якум "Асосҳои назариявӣ ва методологии механизмҳои идоракунии молияи давлатӣ" ва муносибатҳои назариявӣ доир ба тавсифи моҳияти идоракунии молияи давлатӣ, таснифи механизмҳо ва принсипҳои асосии идоракунии молияи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муносибатҳои методӣ доир ба арзёбии механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ, арзёбӣ шудаанд.
Докторант дар боби мазкур ба асосҳои назариявию – методологӣ ва тавсифи моҳияти идоракунии молияи давлатӣ таваҷҷуҳи хос додааст.

Дар диссертатсия дуруст қайд шудааст, ки идоракунии молия – яке аз унсурҳои нисбатан мураккаб дар низоми молиявӣ ба ҳисоб рафта, он банақшагирӣ, пешгӯӣ, стратегияи амалкард, асосҳои ҳуқуқии назоратро дар соҳаи муносибатҳои молиявӣ талаб менамояд. Илова бар он, тарз ва усулҳои таъсиррасонии ҳадафманд ҷиҳати ноил шудан ба натиҷаи дилхоҳ мавриди истифода қарор дода мешаванд. Лозим ба зикр аст, ки дар низоми молиявӣ, идоранамоӣ тариқи механизмҳои молиявӣ, аз ҷумла зимни истифода аз равишҳо, абзорҳо, таҳримҳо татбиқ ва амалӣ карда мешавад. Дар идоракунии молия ба мисли дилхоҳ низоми идорашаванда, субъект ва объекти идорашавандаро аз ҳам ҷудо менамоянд. Навъҳои мухталифи равобити молиявии марбут ба шаклгирии даромадҳои пулӣ, ҷалбнамоӣ ва истифода аз онҳо тавассути субъектҳои хоҷагидорӣ ва давлат ба уновни субъектҳои идоракунӣ дар назар гирифта мешаванд.

Ба андешаи докторант ҳангоми идоракунии молия равиши илмӣ доштан ниҳоят муҳим мебошад, зеро зимни коркарди қарорҳои идоракунӣ ба ҷуз аз талаботи қонуниятҳои иқтисодӣ, натиҷаи таҷзияи иқтисодӣ, иқдомҳои мантиқии равишҳои иқтисодӣ-маъмурии идоранамоӣ ба инобат гирифта мешаванд. Илман идоракунии молия, бартарафнамоии саривақтии падидаҳои манфиро тавассути дар амал ҷоринамоии методҳо ва фишангҳои нави молиявӣ тақозо намуда, аз байн бурдани усул ва методҳои кӯҳнашударо дар назар дорад. Дар баробари ин, маълумоти саҳеҳ ва саривақтии иқтисодӣ, нишондиҳандаҳои илман асоснокшуда, сифати баланди банақшагирии молиявии ҷорӣ ва дурнамои онро таъмин хоҳанд кард.

Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки ташаккулли дараҷаи самараноки истифодабарии буҷети маҳаллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки

таъмини рӯшди иҷтимоию иқтисодии минтақа ба ҳисоб рафта, он аз консепсия ва стратегияи миллии мамлакат сарчашма мегирад.

**Хулосаҳои муаллиф** оид ба нақши буҷети маҳаллӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳрҳо, ноҳияҳо ва маҳалҳо қобили қайд мебошад (саҳ. 22). Ҳамчунин, низоми идоракуни молияи маҳаллӣ, ки дар расми 1. 4 (саҳ.29) пешниҳод шудааст, ки заҳмати докторантро дар омӯхтани адабиётҳо, маводҳо ва маълумотҳои расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад. Ғайр аз ин, гурӯҳбандии муносибатҳои методӣ дар асоси омӯзиши идоракунӣ дар адабиёти иқтисодӣ, ки дар (саҳ. 45) оварда шудааст, қайд кардан лозим аст.

**Дар боби дуюм, "Таҳлили ҳолати муосири фаъолияти механизмҳои идоракунии буҷети маҳаллии вилояти Хатлон"**

Ҳолати муосири рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ вилояти Хатлон, вазъи механизмҳои идоракунии ташаккулёбии буҷети маҳаллии вилояти Хатлон, таҳлили амалии механизмҳои идоракунии хароҷоти буҷети маҳаллӣ, баҳодиҳӣ ва таҳлил шудаанд.

Тавре, ки дар диссертатсия қайд шудааст, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 омадааст, ки «Равнақи манотиқи давлат волотарин зинаи амалигардонии ислоҳоти иқтисодӣ маҳсубёфта, он нуқоти асосии ҳама кӯшишу заҳматҳои ҳукумат баромад намуда, дар ин ҳуҷҷат нуктаҳои асоситарин ва барои тавсияи миллӣ афзалиятнок дида баромада шудаанд: аз он ҷумла, таъмини амнияти энергетикӣ ва озӯқаворӣ ва дар ин ҷодда андешидани чораҳои зарурӣ, тавсеаи имкониятҳои иртиботии мамлакат ва густариши шуғлҳои сермаҳсул. Дар ин асно, «низоми идоранамоии маҳаллӣ дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳо бо муайянсозии инфрасохтори амволӣ, қисмати даромади онҳо вобаста ба принсипҳои ғайримутармарказии фискалӣ ба роҳ монда мешавад». Дар рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хатлон нақши калидӣ дорад, зеро дар ин минтақа беш аз 50 % маҳсулоти кишоварзӣ ва қариб 40% - и маҳсулоти саноатии мамлакат истеҳсол шуда, дар ғанӣ гардонидани бозори дохилии мамлакат ва иқтидори содироти он, саҳми бузург гузошта истодааст.

Объекти таҳқиқот, вилояти Хатлон яке аз минтақаи агроиндустриалӣ ва сераҳолитарин, обёришаванда ба шумор рафта, дар ҷанубу-ғарби кишвар ҷойгир шудааст. Ҳудуди вилоят 24,7 км. мураббаъро дарбар гирифта, аҳолии он дар 01.01. 2023 сол ба 3611,2 ҳазор нафар баробар мебошад, ки он дар умум 37% аҳолии мамлакатро ташкил менамояд. Миқдори аҳолии шаҳр 17,5% ва миқдори аҳолии деҳот

80,2%-ро ташкил менамояд. Ба ҳисоби миёна зичии аҳолӣ аз 1 январи соли 2023 1 км.мураббаъ 146,2 нафарро ташкил медиҳад. Дар вилоят 21 ноҳия, 4 шахр ва 132 ҷамоат мавҷуд мебошад. Маркази вилоят ш. Бохтар маҳсуб меёбад, бояд қайд намуд, ки он маҳсули замони соҳибистиқлолии кишвар башумор меравад. Он дар соли 1992., таъсис дода шудааст. Дар давоми солҳои 1992-2015 зимни тавсеаи муназзами иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар вилояти Хатлон низоми минтақавии иқтисодӣ-иҷтимоии шакли муосир, ки мувофиқ ба низоми иқтисоди бозорӣ мебошад, таъсис дода шуд.

Докторант дуруст қайд менамояд, ки зимни ташаккул ва истифодабарии буҷети маҳаллӣ ба назар гирифтани хусусиятҳои иқтисодии захиравии минтақа ба мақсад мувофиқ буда омили асоснок шудани нишондиҳандаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии маҳалҳо мебошад (саҳ 66).

**Дар боби сеюм “Самтҳои асосии такмили механизмҳои идоракунии буҷети маҳаллии вилояти Хатлон”,** такмилидиҳии идоракунии механизмҳои буҷети маҳаллӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, роҳҳои асосии мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии барномавӣ-мақсаднок дар буҷети маҳаллӣ пешниҳод шудаанд.

Муайяннамоӣ ва асоснок намудани самтҳои такмили механизмҳои идоракунии буҷети маҳаллӣ яке аз омилҳои баландбардории самаранок истифодабарӣ ва идоракунии оқилонаи буҷети маҳаллӣ муайян намудани таркиби аниқӣ даромаду хароҷотҳои молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки боби сеюми кори диссертатсионии Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич ба ин масъала баххшида шудааст, тавре, ки дакторант дар саҳифаи 83 қайд кардааст.

Мақсади асосии сиёсати давлатӣ ба воситаи механизмҳои идоракунии меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ташкилию иқтисодӣ ва ниҳодӣ баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Дар баробари ин, сатҳи зиндагии аҳолӣ дар минтақаҳои мамлакат тафриқаи муайянро доранд. Қабл аз ҳама, ин бо омилҳои демографӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ вобаста аст, ки аз нобаробар ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолкунанда дарак медиҳанд. Ҳамаи ин, ба равандҳои ташаккули буҷети маҳаллӣ таъсир мерасонанд.

Пешниҳодҳои докторант дар бораи зарурияти мустақилияти буҷети маҳаллӣ ва заминаи даромади буҷети маҳаллӣ қобили қабул мебошад (саҳ 118-119).

Пешниҳод ва асоснок намудани омилҳои таъсиррасон ба афзоишёбии даромади минтақаҳо, ки аз омилҳои зерин: истифодаи

босамари амволи дахлдори мақомоти маҳаллӣ, бехтарнамоии фазо ва муҳити сармоягузорӣ дар маҳаллҳо, сиёсати маъмурӣ, ки ба вусъатёбии иқтидорҳо, нигоҳдории соҳибкории тавлидӣ ва густариши ҳаёти ҷамъиятӣ, бахшида шудааст; вусъатбахшии низоми худидоракунии андозҳо аз тарафи шаҳрвандон; баҳодиҳии босамари хароҷотҳои андозӣ дар ҳалқаи имтиёзҳои андози, муҳим мебошанд (сҳ 138).

Дар зербанди дуюми боби сеюм роҳҳои мукамалгардонии механизмҳои идоракунии барномавӣ-мақсаднок дар буҷети маҳаллӣ муайян шудаанд. Хусусан, пешниҳодҳои дар саҳифаҳои 143, 144, 147, 148, овардашуда, вобастагӣ ба нақшадорорӣ ва маблағтаъминнамоии хароҷотҳои буҷа дар рафти ба истифода қарор додани усулҳои вижагии равшансозӣ дошта (саҳ 155) қайд кардан лозим.

**8. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва пешниҳодҳо дар диссертатсия оварда шуданд.**

Паҳлуҳои илмӣ, хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия омода шуда дар асоси ҷамъоварӣ ва таҳияи ҳамаҷонибаи иттилоотҳои зиёди илмӣ ва оморӣ, ки дорои сарчашмаҳои этимоднок мебошанд, саҳми арзандаи амалӣ- методӣ назариявии худро дар такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мегузоранд. Инчунин, ҷанбаҳои методологӣ ва назариявӣ, ақида ва фаҳмиши докторант оид ба моҳияти иқтисодию иҷтимоии такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ, асосноккуни моҳият ва зарурияти таҳлили ҳамаҷонибаи механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ дар асоси ҷамъоварии иттилооти зарурӣ ва маводҳои оморӣ ва таҳлили онҳо эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич-ро нишон медиҳанд.

**9. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо назардошти тавсияҳо оиди истифодабарии онҳо.**

**9.1. Аҳамияти илмии таҳқиқот**.

Хулоса ва муқаррароти диссертатсия, асосҳои методологии баҳодиҳии самаранокии идоракунии молияи маҳаллиро таҳия намуда, шартҳои идоракунии самараноки буҷети давлатиро муайян менамояд ва ба баландбардории самаранокии идоракунии буҷети маҳаллӣ мусоидат хоҳад кард.

**9.2. Аҳамияти амалии таҳқиқот.**

Хулоса ва пешниҳодҳои амалӣ дар диссертатсия таҳия шуда, аз ҷумла методологияи арзёбии самаранокии механизми идоракунии буҷети мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии фаъолият, пешниҳодҳо оид ба такмили низоми арзёбии самаранокии идоракунии буҷети маҳаллӣ буда,

метавонад аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми мушаххас кардани асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва методии идоракунии буҷетҳои маҳаллӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ истифода шаванд.

**9.3. Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот**.

Истифодабарии натиҷаҳои таҳқиқот, тавсияҳо ва чорабиниҳои пешниҳодшуда оиди такмили механизми идоракуни молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, роҳҳои ғанигардонии молияи маҳалҳо, самаранок истифодабурдани онҳо омили муҳими таъмини рушди устувори нишондиҳандаҳои иқтисодию молиявӣ, афзоиши маҳсулот ва хизматрасониҳо дар маҳаллҳо хоҳад шуд.

**9.4. Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот.**

Натиҷаҳои илмию амалии кори таҳқиқшуда, пешниҳодҳо оиди ғанигардонидани буҷети маҳаллҳо ва самаранок истифодабарии онҳо омили рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, зина ба зина баланд бардоштани музди меҳнати кормандони маориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии маҳаллҳо мешавад.

**10. Эродҳо ба таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Таҳлили мазмун ва мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи “Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” нишон дод, ки ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда иҷро шудаанд, вале дар кор баъзе камбудию норасогиҳо ҷой доранд.

1. Дар боби якум, ки масъалаҳои назариявӣ –методологии механизмҳои идоракунии молияи давлатиро дарбар мегирад. Номбаркунии субектҳои идоракунии молиявӣ зарур набуд (саҳ. 19). Дар ин боб бояд бештар масълаҳои назариявӣ, хулосабардорӣ аз омӯхтани фикру андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ пешниҳод мешуд.

2. Дар саҳифаи 24 дар расми 1.2. ҳамаи даромадҳои андозӣ ба буҷети маҳаллӣ номбар шудаанд. Аммо дар расми 1.3. даромадҳои ғайриандозии буҷетҳои маҳаллӣ ном дорад, фақат се сарчашма: даромад аз буҷети ҷумҳуриявӣ, даромад аз хизматрасониҳои пулӣ ва дигар даромадҳои ғайриандозӣ номбар шудаанд. Хуб мешуд, агар муаллиф ҳамаи даромадҳои ғайриандозиро номбар мекард, чи тавре ки дар диаграммаи 1.2. ҳамаи даромадҳои андозӣ номбар шудаанд.

3. Дар боби дуюми зербоби якум “Таснифи механизмҳо ва принсипҳои идоракунии молияи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” ном дорад. Дар матн принсипҳо, вазифаҳо, низоми идоракунӣ, раванҳои идоракунии буҷет ва ғайра оварда шудааст. Фақат механизмҳо ва таснифи онҳо даркор нест. Шояд дар оянда докторант ба ин масъала таваҷҷӯҳ намояд.

4. Дар саҳифаҳои 59 ва 60 сухан дар бораи муайян намудани самаранокии хароҷоти буҷети мақомоти маҳаллӣ ва тасвири нишондиҳандаҳо ба формулаҳо пешниҳод шудаанд. Хуб мешуд, муаллиф нишондиҳандаҳоро дар як ҷадвал нишон дода бо истифодаи формулаҳо самаранокии харҷоти буҷетро ҳисоб мекард.

5. Ба андешаи муқарриз дар таҳқиқи мавзуъ таҳлили ҳамаҷонибаи ҷадвалҳо ва хулосабарию тавсия пешниҳодкунӣ зарур мебошад. Аммо дар баъзе мавридҳо таҳлили рӯякии ҷадвалҳо ба назар мерасад. Хусусан таҳлили ҷадвали 2.5. (саҳ 70). Вусъатдиҳии нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ- иҷтимоии вилояти Хатлон. Яке аз нишондиҳандаҳои ҷадвал "мусоидати молиявӣ(Субвенсия) аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ" якумаш шояд дотатсия бошад, ки солҳои охир афзоиш ёфтааст. Дуюмаш – сабаби афзоишёбӣ аз чист? Бояд дотатсия, субвенсия, субсидия сол ба сол кам шаванд. Ин яке аз нишондиҳандаҳои истифодаи самараноки буҷетӣ маҳал мебошад.

**11. Мутобиқати квалификатсияи илмии докторант ба дараҷаи илмӣ.** Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич аз ҷиҳати илмӣ мутахассис дар самти такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ буда, диссертатсияи иҷрошуда ба ихтисоси илмии интихобшуда мутобиқат менамояд. Мавзуи таҳқиқот, мундариҷа ва мазмуни он ба талаботи шиносномаи ихтисоси доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мутобиқ мебошад. Ҳамчунин, натиҷаҳои илмию амалии ба даст овардаи докторант ба талаботи квалификатсионии илмии дараҷаи илмӣ мувофиқат мекунад.

Автореферат ва мақолаҳои илмии нашршуда мазмуни асосии кори диссертатсиониро дар худ инъикос намудаанд.

**12. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар мақолаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Аз рӯи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 20 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 10 мақола дар нашрияҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст, нашр гардидаанд.

**13. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Дар маҷмуъ, барасмиятдарории диссертатсия ба "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), мувофиқат намуда, автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия"

(қарори Раёсати КОА, аз 28 июни соли 2017 №3/1), талаботҳои “Тартиб додани дараҷаи илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**14. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.**

Аз нигоҳи мазмуни илмӣ, мундариҷа ва шакли баёни диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» кори илмию тахассусӣ буда, дорои ҳалли муаммоҳои илмӣ, ки аҳамияти муҳиму афзалятнокро дар рушди танзими механизми идоракунии молияи маҳаллҳо, хусусан баланд бардории самаранокии идоракунӣ, ва истифодабарии буҷети мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Ба талаботи низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич барои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

**Муқризи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Султонов З.С.

**Суроға:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи .М. Турсунзода, 30.
Тел: 992(37) 221-35-50
Тел./ Факс: 992(37) 221-05-70; 227-77-53.
Почтаи электронӣ: E-mail: sulton@mail. ru

**Дурустии имзои Султонов З.С.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон
«___06___» ___11___ соли 2024 Раҳимов А.А.